**"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Насриддинзода Э.С. ____________**
**"___" ______________ соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович аспиранти шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович соли 2005 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2011 аз рӯйи ихтисоси (ҳуқуқшиносӣ) хатм намудааст.

Аз соли 2008 то ин ҷониб ба ҳайси оператори маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 05.01.2012 с. № 07-05 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 06.01.2015 с. №01-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012 №07 (11-12), тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022, №148 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ ДМТ

10-уми феврали соли 2025 №4/4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ" чунин хулоса қабул **карда шуд:**

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: "Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025" алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашр гардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои назариявии таснифи ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилооти компютерӣ муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот, мушкилоти мавҷудаи назариявӣ, ки ба муайян намудани таркиб ва хусусиятҳои ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ вобастаанд, баррасӣ гардида, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ заминаи назариявии устувор гузошта мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар ҷараёни таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад, инчунин, ҳамчун маводи таълимӣ зимни таҳияи курсҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баргузор намудани машғулиятҳои таълимӣ дар мавзуи бандубасти ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ истифода шавад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Давлатов Дилшод Махмадзарифович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ”, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, кирдорҳои қасдона ва ғайриқонунӣ мебошанд. Ин кирдорҳо дар шакли дахолати ғайриқонунӣ ба кори низомҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд фаъолияти устувори онҳоро халалдор созанд. Чунин кирдорҳо механизмҳои мавҷудаи муҳофизати маълумотро заиф сохта, барои тамомият, дастрасӣ ва махфияти онҳо таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод менамоянд.

2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар ҳамаи қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ муқаррар карда шудаанд. Сабаб дар он аст, ки қонунгузории ин кишварҳо дар асосои Кодекси моделии ИДМ таҳия гардида, таркибҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ба қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо қариб бетағйир

ворид намудаанд. Дар қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ таркибҳои ҷиноятие дида мешаванд, ки ба КМҶ ИДМ ва КҶ ҶТ хос намебошанд, бинобар ин, ворид намудани ин таркибҳои ҷиноятӣ ба ҚҶ ҶТ мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

3. Истифодаи истилоҳи "киберҷиноятҳо" нисбат ба ҷиноятҳо дар боби 28 КҶ ҶТ асоснок шуморида намешавад, зеро чунин истилоҳ бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар адабиёти илмӣ истифода шуда, таҷассумкунандаи кирдорҳое мебошад, ки дар Интернет ё бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ содир мешаванд, яъне истилоҳи "киберҷиноятҳо" доираи нисбатан васеи кирдорҳои бо истифода аз технологияи компютерӣ содиршавандаро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ" ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4- то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,12 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Давлатов, Д.М. Таърихи инкишофи қонунгузори оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №3/5 (118). – С. 161-166; ISSN 2074-1847.

**[2-М].** Давлатов, Д.М. Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4/2 (39). – С. 371-375; ISSN 2308-054X

**[3-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №4 (48). – С. 140-145; ISSN 2305-0335.

**[4-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Ҷилди 2. – 2023. – №4 (36). – С. 105-112; ISSN 2709-6246.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Давлатов, Д.М. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва криминологии ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба “Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзуи “Ҷавонон ва илми муосир”. – Душанбе: Нашриёти ҶДММ “Тараққиёт”, 2013. – 456 с. – С. 79-85.

**[6-М].** Кудратов, Н.А., Давлатов, Д.М. Уголовная ответственность за преступления против информационный безопасности (компьютерной информации) по уголовному законодательству стран СНГ: сравнительно правовое анализ [Текст] / Н.А. Кудратов, Д.М. Давлатов // Сборник научных трудов: Правовое государство и гражданское общество в современном мире. – Караганды: Карагандинский государственный Университет им. Е.А. Букетова, 2014. – С. 12-18; ISBN 978-9965-39-500-0.

**[7-М].** Давлатов, Д.М., Камолов, З.А. Таснифоти ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов, З.А. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба “25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо” (ш. Душанбе, 26 майи соли 2023). – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 294 с. – С. 77-82.

**[8-М].** Давлатов, Д.М. Хусусиятҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”– Душанбе: “ДБССТ”, 2024. – 409 с. – С. 396-401.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ”,

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Давлатов Дилшод Маҳмадзарифович дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул гардид:

Иштирок доштанд: 19 нафар, аз ҷумла, 1 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 12 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 6 нафар ассистент. Натиҷаи овоздиҳӣ "тарафдор" – 19 нафар, "зид" – 0 нафар, "бетараф" – 0 нафар. Суратмаҷлиси №4/4 аз 10-уми феврали соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Холиқзода Ш.Л.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Холиқзода Ш.Л.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**"14" 02 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj